# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Одиназода Комрони Саидаброр ба диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзӯи “Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

1. **Мутобиқат ба соҳаи таҳқиқот.**

Тадқиқоти Гулов Искандар Хасанович дар мавзӯи “Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Шиносномаи номгӯйи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии наздми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12-Иқтисодиёти меҳнат ба банди 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғ); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ; 16. Ҳамкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бозорӣ; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ) ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

2. **Муҳимият ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Дар шароити муосир дар назарияи фаъолияти иҷтимоӣ ва як қатор илмҳои дигар таҳти проблемаҳои иҷтимоӣ пурра ё қисман қонеъ нагардидани талабот ва манфиатҳои шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва аҳли ҷомеа фаҳмида мешавад. Талаботи одамон гуногун буда, аз эҳтиёҷоти физиологӣ (эҳтиёҷот ба хӯрок, либос, манзил) то маънавӣ (эҳтиёҷот ба муошират, маълумот ва ғ.)-ро фаро мегирад. Проблемаҳои иҷтимоӣ вазифаҳои мушаххаси иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд, ки онҳо ҳалли

масъалаҳои ҷойдоштаро баҳри ҳалли мушкилоти мавҷуда тақозо менамоянд. Вазифаҳои мазкур бо масъалаҳои фаъолияти иҷтимоӣ хеле зич алоқаманд мебошанд. Бинобар ин, як қатор проблемаҳои иҷтимоиро ҷудо намудан мумкин аст, ки баҳри ҳалли онҳо фаъолияти иҷтимоӣ равона мегардад:

– проблемаҳои инфиродӣ-шахсӣ, оилавӣ, проблемаҳо бо саломатии ҷисмонӣ ва психикӣ (маъюбӣ, калонсолӣ), танҳоӣ, ҷудошавии иҷтимоӣ, муҳити носолим дар оилаҳо, аз ҷумла шахсони гирифтори машрубот ва маводи мухаддир, проблемаҳои кӯдакон ва ҷавонон ҷиҳати дастрасӣ ба таҳсилот ва ғайраҳо;

– проблемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: бекорӣ, камбизоатӣ, афзоиши нафарони аз лиҳози иҷтимоӣ ҳимоянашуда;

– проблемаҳои иҷтимоӣ-экологӣ: ифлосшавии муҳити зист, ки ба саломатӣ ва ҳаёти одамон таҳдид менамояд;

– проблемаҳои ҷудокунии иҷтимоӣ: ба табақаҳо ҷудокунӣ дар ҷомеа, тафовути зиёд дар байни даромади синфҳои гуногун, ки барои истисмор ва қаллобии иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам месозад;

– проблемаҳои рафторӣ: рафтори номақбули шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷиноятkорӣ, одат (вобастагӣ), радкунии меъёри иҷтимоӣ;

– проблемаҳои бо аломатҳо ифодакунӣ ва моделсозии иҷтимоӣ: дарки ба ҳақиқат номувофиқи ҷаҳон, маънидодкунии ғалати арзишҳои иҷтимоӣ, дар натиҷа канда шудани робитаҳои иҷтимоӣ ва ба вуҷуд овардани андешаҳои зиддигуманистӣ ва ғайрииҷтимоии тарзи ҳаёт;

– проблемаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, ки аз масъалаҳои бо аломатҳо ифодакунӣ ва моделсозии иҷтимоӣ бармеоянд ва дар мушкилоти барпосозии робитаҳои иҷтимоӣ ифода мешаванд;

– проблемаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ: сатҳи пасти фаъолнокии иҷтимоии аҳолӣ, шиддатгирии ноустувории муносибатҳо дар ҷомеа.

Барои фаҳмиши моҳият ва алоқамандии проблемаҳои мазкур онҳоро муфассалтар дида мебароем.

Гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ ва гузаронидани як қатор ислоҳот дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ хеле таъсирбахш буданд. Вазъиятро проблемаҳои сиёсӣ душвортар намуданд, аз ҷумла, сатҳи баланди коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраҳо.

Ба қатори проблемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳим инҳоро шомил намудан мумкин аст:

– сатҳи пасти даромади аҳолӣ ва афзоиши нархҳо, аз ҷумла тарофаҳо ба хизматрасониҳои коммуналӣ, молҳои ниёзи аввал, зуҳуроти таваррум ва дар натиҷа зиёд шудани сатҳи камбизоатӣ. (Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри паст намудани сатҳи камбизоатӣ корҳои назаррасе анҷом дода шудаанд. Дар давраи аз соли 2000 то 2015 сатҳи камбизоатӣ аз 83% то 31% кам карда шуд. Дар натиҷа Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати 10 мамолики пешсаф доир ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар 15 соли охир шомил гардид).

– бекорӣ;

– афзоиши шумораи нафарони аз лиҳози иҷтимоӣ ҳимоянашуда;

– сифати пасти хизматрасонии тиббӣ;

– сатҳи пасти инкишофи иҷтимоии кӯдакон ва ҷавонон, номувофиқатии низоми таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат;

– ҳолати қаноатманднакунандаи хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ;

– шароити номусоид барои инкишофи илм ва бизнеси хурд, ташаббусҳо ва фаъолнокии аҳолӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ.

Проблемаҳои мазкур бо ҳам хеле зич алоқаманд мебошанд. Сатҳи инкишофи иқтисодиёти мамлакат барои ташаккули андешаҳои иҷтимоӣ-психологии манфӣ, аз ҷумла рӯҳафтодагӣ, сатҳи пасти фаъолнокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин фазои афзурдаҳолӣ

миёни ҷомеа замина мегузорад. Миёни аҳолӣ, аслан ҷавонон майл доир ба ҳалли қатъии проблемаҳои иҷтимоӣ, масалан муҳоҷират ба хориҷи кишвар тақвият пайдо мекунад. Зеро дар натиҷаи чунин зуҳурот кадрҳои баландихтисоси ҷавон мамлакатро тарк менамоянд ва дар натиҷа проблемаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ густариш меёбанд.

3. **Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо.**

Дараҷаи асоснокии диссертатсияи мазкур ин ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, моҳияти иқтисодии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, таҷрибаи хориҷии таҳия ва иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, арзёбии вазъи муосири рушди бахшҳои иҷтимоию меҳанатӣ, таҳлили иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоию меҳнатӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки рушд, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатӣ мусоидат мекунанд, иборат аст. Хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин тавсияҳои алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ метавонанд дар раванди таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ истифода шаванд.

4. **Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи комилии диссертатсия.**

Диссертатсия дар 188 саҳифаи матни компютерӣ иншо гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 31 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои гузошташуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ошкор карда шудаанд, навоварии илмӣ ва муҳиммияти амалии кор муайян карда шуда, объект ва усули таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявию методии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ», моҳияти илмии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати иҷтимою меҳнатӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо хуб мешуд таҳлили муқоисавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ возеҳтар баён мегардид.

**Дар боби дуюм** «Арзёбии вазъи муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили ҳолати муосир ва самтҳои иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Тоҷикистон, таҳлили сатҳи музди меҳнат ва нафақа, чун нишондиҳандаи баҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва баҳои таҳия ва таъмини иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар вилояти Хатлон баҳо дода шудааст. Аз ин рӯ диссертант барои боз ҳам комилтар гардидани боби дуюми рисола аз усулҳои мониторинги иҷроиши барномаҳои соҳавиии давлатӣ дар самти мазкур бояд истифода барад.

**Дар боби сеюм** «Самтҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ» тавассути таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию меҳнатӣ – самти асосии такмили сиёсати иҷтимоӣ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ – роҳи асосии таъмини иҷрои сиёсат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва ташкили корхонаҳои калони агросаноатӣ-имконияти асосии иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст.

**Дар хулоса ва пешниҳод** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст карда шудаанд.

5. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз асосҳои методологии таҳия ва иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва роҳҳои ба иҷро расонидани он бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар он баҳои ҳолати кунунии иҷрои масъалаҳои рушди иҷтимоию меҳнатӣ ва роҳҳои мукаммал гардонидани он иборат аст. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки як қатор пешниҳодҳои муаллиф ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон мавриди истифода қарор гирифта, метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои дарозмуддати мақсадноки иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо истифода шаванд.
6. **Эродҳо доир ба диссертасия**

Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои зиёди бартариҳоро дорад, баъзе камбудиҳо низ дорад:

Дар қисмати “мубрамияти” диссертатсия маротибаи зиёди иқтибос ба ҳуҷҷати “Стратегияи милли Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дода шудааст, ки ба ақидаи мо бояд танзим кард. Илова бар он мувофиқи мақсад буд дар инҷо бо асосноккунии илмӣ назариявӣ аз фаъолияти шаҳру ноҳияҳое, ки дар минтақаи ҷанубии наздисарҳадии чойгир аст муаммоҳои аниқу саҳеҳ баён мегардид;

2. Дар қисмати хулосабандии зербоби 1.1. таҳлили ҷадвалу расмҳо гузаронида шудааст, ки инро дар қисмати асосии кор маънидод намояд мантиқан дуруст мегардид. Дар хулоса бошад танҳо натиҷаҳои коркардшуда инъикос бояд шавад мувофиқи мақсад аст.

3. Дар боби дуввум, параграфи 2.1. диссертатсия “Таҳлили ҳолати муосир ва самтҳои иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ” номида шудааст, муаллиф пурра дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромадааст. Вале мундариҷаи он характери тавсифӣ дошта, кор боз ҳам беҳтар мегардид омилҳои мавҷуда тибқи гурӯҳбандӣ таҳлил карда ҷанбаҳои қавӣ, имконият ва ҷанбаҳои заифи онхо бо таҳлили SWOT гузаронида шавад;

4. Сифати диссертатсия илмӣ хело баланд мешуд, агар муаллиф дар параграфи 2.1. мониторинги вазъи муосири инкишофи соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатиро дар мисоли вилояти Хатлон ба таври мушаххас мавриди таҳлил қарор медод.

5. Барои боз ҳам баланд бардоштани сифати диссертатсияи илмӣ хуб мешуд муаллиф ба тадқиқотҳои муаллифони ватанӣ бештар аҳамият медод.

6. Диссертатсияи илмӣ хело назаррас ба чашм мерасид агар муаллиф ба ҷанбаҳои макроиқтисодии масоили мазкур боз ҳам бештар аҳамият медод.

**7. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Оид ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар нашрияҳое, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ гардидааст.

**8. Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда бо шарҳи пурра асоснок карда шудаанд.

Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба талаботҳои КОА-и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи “30” июни соли 2021 бо таҳти рақами №267 тасдиқ гардидаст, мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳибайналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Одиназода К.С.**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел: (+992) 905-55-46-46,
www.dsx.tj. e-mail: dsx._ips@mail.ru.

Имзои Одиназода К.С. -ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н**